На подготовительных курсах ведется подготовка по направлениям подготовки, реализуемым филиалом Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. Обучение ведется по предметам: математика, физика, химия, английский язык, русский язык и история России. За отчетный период на подготовительных курсах обучались 42 слушателя.




OCEAN SIDE






engineer










СТАРТ

## Фаъолияти таълимӣ

Раванди таълим дар Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия, фармонҳои ректори ДДМ ба номи М.В. Ломоносов, фармоишҳои директор ва директори иҷроия ба роҳ монда шудааст.

Барномаҳои таълимӣ аз рӯйи 6 равия мутобиқи талаботи стандартҳои федералии таҳсилоти олӣ (СФДТ 3+ ва СФДТ 3++) дар ду факултет - илмҳои табиӣ ва гуманитарӣ амалӣ карда мешаванд. Дар факултети илмҳои табиӣ мутахассисон аз рӯйи равияҳои зерин омода карда мешаванд: 01.03.02 - Математикаи амалӣ ва информатика, 04.03.02 - Химия, физика ва механикаи мавод ва 05.03.01 - Геология. Дар факултети гуманитарӣ мутахассисон аз рӯйи 3 равияи зерин омода карда мешаванд: 38.03.04 - Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ, 41.03.05 - Муносибатҳои байналхалқӣ ва 45.03.02 - Забоншиносӣ.

## Теъдоди донишҷӯён

Ба санаи 01.07.2021 дар Филиал теъдоди донишҷӯён **– 351 нафарро** ташкил медиҳад, ки аз он **246 (70%)** нафар аз ҳисоби буҷет ва **105 (30%)** нафар дар асоси шартнома таҳсил мекунанд. Дар Филиал 19 нафар шаҳрвандони хориҷӣ таҳсил менамоянд, аз ҷумла шаҳрвандони Федератсияи Россия – 16, ҶХЧ – 1, Ӯзбекистон – 1 ва Кореяи Ҷанубӣ – 1.

**Донишҷӯёни хориҷшуда**

| | **Факултет** | **Теъдод** |
|---|---|---|
| 1 | Факултети илмҳои табиӣ | 10 |
| 2 | Факултети гуманитарӣ | 14 |
| | **Ҳамагӣ** | **24** |

## Сафари хизматии ҲПО-и ДДМ

Бо мақсади пешгирии паҳншавии сирояти COVID-19 сафари хизматии ҳайати профессорону омӯзгорон ба Филиал аз Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов аз 15 марти соли 2020 боздошта шуд. Раванди таълим дар асоси фармони ректори Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов аз 16.03.2020, №326 бо истифодаи технологияҳои электронӣ дар шакли таҳсили фосилавӣ ба роҳ монда шуд.

Аз шумораи умумии фанҳои 6 нақшаи таълимӣ, ки барои нимсолаи баҳории соли таҳсили 2020-2021 пешбинӣ шуда буд, 50% раванди таълимро ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов ва 50% -ро ҳайати профессорону омӯзгорони Филиал, ҳамкорони беруна ва дохилӣ таъмин намудаанд.

Бинобар сабаби чораҳои маҳдудкунӣ ҷиҳати пешгирии паҳншавии COVID-19 донишҷӯёни курси чорум натавонистанд мустақиман дар раванди таълими пешбинишуда дар Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов иштирок намоянд.

**Аттестатсияи давлатии хатм**

Аттестатсияи давлатии хатм дар соли таҳсили 2020-2021 дар асоси Низомномаи «Тартиби гузаронидани аттестатсияи давлатии хатм аз рӯйи барномаҳои бакалавриат, мутахассис ва магистратура дар Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов», ки бо фармони №1413 аз 06.12.2016 тасдиқ гардидааст, дар шакли фосилавӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ роҳандозӣ гардид. Аз аттестатсияи давлатии хатм 104 донишҷӯ аз рӯйи 6 равияи бакалавриат гузаштаанд.

Ҳайати комиссияҳои аттестатсияи давлатии хатм аз рӯйи ҳамаи равияҳои таълим аз ҳисоби профессорону устодони факултетҳои тахассусии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, устодони Филиал ва намояндагони корфармоён ташкил карда шуд.

Натиҷаи аттестатсияҳои давлатии ҳамаи равияҳо нишон доданд, ки донишҷӯён дониши хуби касбии назариявию амалиро азхуд намудаанд, ки ин барои фаъолияти касбии онҳо заминаи хубе фароҳам месозад. Дар асоси иҷроиши барномаҳои таълимӣ, суратҷаласаҳои аттестатсияи давлатии хатм ва дигар ҳуҷҷатҳо, Раёсати таълими Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов ба **100** нафар хатмкардогони соли таҳсили 2020-2021 диплом омода кард, ки аз ин миқдор **8** ададаш дипломи аъло мебошад ва ин нишондод 8%-и теъдоди умумии хатмкардагонро ташкил медиҳад.

**Қабули довталабон дар соли таҳсили 2021-2022**

Сифати тайёр кардани кадрҳо дар Филиал аз интихоби дурусти довталабон вобастагии зич дорад. Бо мақсади ҷалби бештари хатмкунандагони мактабҳо барои дохилшавӣ ба Филиал дар соли 2021, мунтазам корҳои таблиғотию роҳнамоӣ вобаста ба интихоби касби онҳо ташкил карда шуд. Филиал дорои литсейи равияи табиӣ, инчунин курсҳои омодагӣ мебошад, ки дар онҳо тайёр кардани довталабони рақобатпазир ба роҳ монда шудааст.

Фаъолияти таблиғотӣ ва иттилоотӣ дар доираи корҳои роҳнамоӣ ва интихоби касб тавассути интишор кардани варақаҳои таблиғотӣ, буклетҳо, баннерҳо, нишон додани презентатсия оид ба равияҳои Филиал дар ҳамкории зич бо ВАО гузаронида шуд.

Дар Филиал рӯзҳои 12-13 марти соли 2021 "Рӯзҳои дарҳои боз" баргузор гардид, ки мақсади чорабинии мазкур ташкили вохӯриҳо бо мактаббачагон буд. Ҳамзамон, кормандони Филиал ба шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар карда шуданд.

Соли таҳсили 2021-2022 дар ММТ-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2324 довталаб ба Филиал сабти ном шуд.

Аз шумораи умумии довталабоне, ки ҳуҷҷат пешниҳод кардаанд, 18 нафар шаҳрвандони хориҷӣ мебошанд (Ҷумҳурии Қазоқистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин).

Имтиҳонҳои дохилшавӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда аз 1 то 8 июли соли 2021 аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорони Филиал ташкил ва гузаронида шуданд. Барои довталабоне, ки аз қайди иловагии ММТ

гузаштанд, имтиҳонҳои дохилшавӣ рӯзҳои 9 ва 10 июл ташкил карда шуд, ки дар онҳо 164 довталаб ширкат варзид.

Тибқи натиҷаи имтиҳонҳои дохилшавӣ дар соли таҳсили 2021-2022 ба курси якум 145 донишҷӯ тавсия дода шуд, ки аз ҷумла 98 нафар тариқи буҷавӣ ва 47 нафар тариқи шартномавӣ пешниҳод шуданд.

**Ташкили таҷрибаомӯзиҳо ва бо кор таъминкунии хатмкунандагон**

Дар 6 моҳи соли 2021 Филиал барои гузаштани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯён бо ташкилоту корхонаҳои зерин шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонидааст:

- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Бонки миллии Тоҷикистон;
- Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- БДА ҶТ “Амонатбонк”;
- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон”;
- ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон”;
- ҶСП “Телеком Технолоҷи”;
- ҶСП ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо";
- Маркази илм ва фарҳанги Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Ширкати байналмилалии тадқиқотии консалтигии "М-Вектор";
- Ассотсиатсияи миллии менеҷерон ва маркетологон.

Ҳамин тариқ, дар нимсолаи баҳории соли таҳсили 2020-2021 149 донишҷӯ аз таҷрибаомӯзии амалӣ гузаштанд, ки аз онҳо 84 нафар аз факултети илмҳои табиӣ ва 65 нафар аз факултети гуманитарӣ буданд.

Аз 105 нафар хатмкардагони соли таҳсили соли 2019-2020 55 нафар ба кор ва 36 нафар ба магистратура (аз ҷумла Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов – 9; Академияи дипломатии ВКХ ФР – 1; ИЭММ ба номи А.Н. Тихонов – 1; ДДХР – 1; ДИР ба номи Плеханов – 2; ДИТ МОИ – 1; Донишгоҳи метрополии таҳқиқоти минтақавии тиҷорати байналмилалӣ (Прага) – 1; Донишгоҳи Ҷеджу (Кореяи Ҷанубӣ) – 1; Донишгоҳи Тсукуба (Ҷопон) – 1; Донишгоҳи Малайзия – 1 ва 17 нафар хатмкардагон ба донишгоҳҳои Тоҷикистон (Донишгоҳи Славянии Тоҷикистон – Россия, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва ғ.) дохил шуданд.

**Фаъолияти илмӣ**

Дар Филиал корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз рӯйи самтҳои фанҳои табиӣ, чун математикаи амалӣ ва информатика, геология, химия, физика ва механикаи мавод, инчунин фанҳои гуманитарӣ, чун забоншиносӣ, муносибатҳои байналхалқӣ ва идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ анҷом дода мешаванд.

Устодону кормандони Филиал дар баробари фаъолияти таълимӣ мустақилона аз рӯйи самтҳои зерин корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебаранд:

1.Таҳқиқи проблемаҳои муосири илмҳои табиӣ;

2. Типология ва компаративистика дар филология;

3. Проблемаҳои актуалии илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ.

Мавзӯъҳои таҳқиқотие, ки дар Филиал таҳия шудаанд, ба раванди таълим дар шакли таҳия ва коркарди барномаҳои корӣ ва курсҳо, лексияҳо, маърӯзаҳо ва дарсҳои амалӣ ворид карда мешаванд, то ки мундариҷаи фанҳои кафедраҳо мутобиқи стандартҳои таълимии навтарин иваз карда шаванд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби устодону кормандони Филиал 40 кори илмӣ-таҳқиқотӣ чоп гардидаанд, 2 мақола дар маҷаллаҳое чоп шудааст, ки ба рӯйхати маҷаллаҳои пойгоҳи Scopus ва Web of Science шомил мебошанд.

Дар Филиал **29-30 апрели соли 2021** конфронси илмӣ-амалии "XI-умин хонишҳои Ломоносовӣ" баргузор гардид. Дар конфронс намояндагони 4 давлат (Қазоқистон, Ӯзбекистон, Россия ва Тоҷикистон) ширкат варзиданд. Дар маҷмӯъ 101 маърӯза барои чоп пешниҳод карда шуданд, ки аз онҳо 84 мақола барои чоп тавсия дода шуд. Аз 84 мақола 34 – корро устодону кормандони Филиал, 34 -донишгоҳҳои Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва 16 – кори дигарро олимону омӯзгорони донишгоҳҳои Тоҷикистон рӯйи чоп овардаанд.

Дар Филиал ба таври мунтазам семинарҳои илмӣ-назариявӣ бо ҷалби олимони Донигоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, Филиал ва дигар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон доир мегарданд.

**18 феврали соли 2021** семинари илмӣ дар мавзӯи "Низоми муосири мониторинги сейсмикӣ дар Тоҷикистон" баргузор карда шуд. Дар семинар доктори илмҳои техникӣ, академик, олими намоён, роҳбари Хадамоти геофизикии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Негматуллоев С.Ҳ. иштирок ва суханронӣ намуд.

**27 феврали соли 2021** семинари илмӣ дар мавзӯи "Дурнамои рушди таҳқиқоти забоншиносии бунёдӣ ва тиббиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" баргузор карда шуд.

**5 марти соли 2021** бахшида ба 110-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, Шоири халқӣ Мирзо Турсунзода дар Филиал чорабинии илмӣ-адабии "Накши Мирзо Турсунзода дар рушди адабиёт ва фарҳанги миллӣ" баргузор карда шуд. Дар ин чорабинӣ профессор Турсунзода Фирӯза Мирзоевна - н.и.филологӣ, ҳамчун меҳмон иштирок намуда, суханронӣ намуд. Мавсуф дар маърӯзаи хеш хотираҳояшро дар бораи падар ва накши ӯ дар рушди адабиёт ва фарҳанги миллӣ ёдовар шуд. Дар кори чорабинии илмӣ ҳайати омӯзгорону донишҷӯён фаъолона иштирок намуда, аз ашъори Мирзо Турсунзода шеърҳо қироат намуданд.

**15 апрели соли 2021** бахшида ба 143 солагии Асосгузори адабиёти муосири тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ дар Филиал чорабинии илмӣ-адабӣ баргузор карда шуд. Дар ин чорабинӣ муҳақиқони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни Филиал фаъолона иштирок намуда, дар бораи осор ва ҳаёту фаъолияти Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ маърӯзаҳо пешниҳод карданд.

Филиал дорои маҷаллаи илмии «Паёми Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе» мебошад, ки он ба Индекси русии истинодҳои илмӣ (РИНЦ) ворид карда шудааст.

**Иштироки донишҷӯён дар чорабиниҳои илмӣ**

**12-13 марти соли 2021** олимпиадаи ҷумҳуриявӣ барои дарёфти “Ҷоми Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон" аз фанҳои математика, физика, химия, информатика ва геология баргузор гардид. Дастаи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанберо 10 донишҷӯ намояндагӣ карданд, ки аз онҳо 7 донишҷӯ бо гирифтани ҷоҳои намоён баргаштанд.

**Ғолибони олимпиада**

| № | Ному насаб | Фан | Курс | Равия | Ҷойи ишғолнамуда |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Исматов Ҳикматулло | Математика | 4 | МА ва И | 1 |
| 2 | Муҳаммадиев Муҳсин | Химия | 1 | ХФММ | 1 |
| 3 | Муҳаммадиев Комилҷон | Физика | 4 | ХФММ | 2 |
| 4 | Акрамов Азизҷон | Геология | 4 | Геология | 2 |
| 5 | Шарипов Ҷамолиддин | Информатика | 4 | МА ва И | 2 |
| 6 | Ғафор Милод | Физика | 4 | ХФММ | 3 |
| 7. | Авазов Яхё | Геология | 4 | ИД ва М | 3 |

Дар тӯли 11 сол, филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар Душанбе дар Олимпиадаи байналмилалии кушоди донишҷӯён (ОИО - Open International Internet-Olympiad) ва соли сеюм дар олимпиадаи байнисоҳавии донишҷӯёни умумирусиягӣ (бо иштироки байналмилалӣ) "Технологияҳои иттилоотӣ дар маҷмӯъ" фаъолона ширкат меварзад

**26-27 марти соли 2021** филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ҳамчун муассисаи базавӣ даври II Интернет-олимпиадаи кушоди байналмилалии донишҷӯёнро (ОИО – Open International Internet-Olympiad) аз фанҳои химия, физика ва математика баргузор намуд. Дар олимпиада донишҷӯёни Донишгоҳи Славянии Тоҷикистон - Россия, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ширкат варзиданд.

Дар охир аз ҷониби роҳбарияти филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар Душанбе ба иштирокчиёни олимпиада сертификат тақдим карда шуд.

**31 марти соли 2021** дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе бо ибтикори Китобхонаи президентии ба номи Б.Н. Елсин (ш. Санкт-Петербург) марҳилаи ниҳоии Олимпиадаи байналмилалии "Россия дар ҷаҳони электронӣ" аз фанни "Забони русӣ- ҳамчун забони хориҷӣ" гузаронида шуд.

**9-10 апрели соли 2021** дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар Душанбе даври II (ниҳоии) Интернет-олимпиадаи кушоди байналмилалии донишҷӯён (ОIIО - Open International Internet-Olympiad) аз фанҳои "Иқтисод" ва "Информатика" доир гардид.

Дар чорабинии мазкур намояндагон аз кишварҳои бонуфузи олам, аз қабили Абхазия, Арманистон, Британияи Кабир, Исроил, Миср, Озарбойҷон, Россия, Тоҷикистон, Украина, Сербия, Хитой, Хорватия, Фаластин, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Ҳиндустон, ширкат варзиданд.

Донишгоҳи Қазоқистон-Олмон, аз соли 2014 инҷониб олимпиадаи донишҷӯёнро дар самти «Идоракунии маҷмӯии захираҳои об» (IWRM) бо иштироки донишҷӯёни Тоҷикистон баргузор менамояд.

**14-15 апрели соли 2021** олимпиадаи байналмилалӣ дар ҳамбастагӣ бо Комиссияи Иқтисодию Иҷтимоии Осиё ва Уқёнуси Ором дар доираи "Ҳадафҳои рушди устувор" (SDGs), ки Созмони Милали Муттаҳид таҳия кардааст, ки таҳти сарпарастии Эътилофи ҷавонони Осиёи Марказӣ барои захираҳои обӣ ”Ҷавонони Осиёи Марказӣ барои об” (“CAY4W”), бо дастгирии Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ баргузор гардид. Марҳилаи миллии Олимпиада, ки ба баланд бардоштани потенсиал ва огоҳии донишҷӯёни кишварҳои Осиёи Марказӣ нигаронида шудааст, дар байни донишҷӯёни кишварҳои Осиёи Марказӣ (on-line) баргузор гардид ва 3 бахшро дар бар гирифт:

• Идоракунии маҷмӯии захираҳои об;
• Тағирёбии иқлим ва энергияи тоза;
• Саноаткунонӣ, инноватсия ва инфрасохтор.

Дар олимпиадаи мазкур 8 нафар донишҷӯёни филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар Душанбе равияҳои "Геология" ва "Идораи давлатӣ ва маҳаллӣ" иштирок намуда, дар натиҷа се донишҷӯ соҳиби ҷоизаҳо шуданд.

**Ғолибони олимпиада**

| № | Ному насаб | Бахш | Курс | Равия | Ҷой |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Бобоҷонов Ахадҷон | *"Саноаткунонӣ, инноватсия ва инфрасохтор* | 4 | ИД ва М | 1 |
| 2 | Давлатова Мадина | *Тағирёбии иқлим.* | 3 | Геология | 2 |
| 3 | Авазов Яхё | *Тағирёбии иқлим ва энергияи тоза* | 4 | ИД ва М | 3 |

**24 апрели соли 2021** озмуни ҷумҳуриявӣ байни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар барои дарёфти “Ҷоми Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат” баргузор гардид, ки дар он 78 нафар донишҷӯёни донишгоҳҳои мамлакат иштирок намуданд. Дастаи Филиалро дар озмуни мазкур 4 нафар муаррифӣ намуд, ки ду нафарашон бо ҷоиза сарфароз гардонида шуданд. Аз ҷумла, Махмудов Ҷовидон Шарофидинович, донишҷӯи курси 3-юми равияи «МА ва И» барои ишғоли ҷойи 2 аз фанни “Математика” (мукофоти пулӣ – 2000 сомонӣ) ва Шарипов Ҷамолиддин Бурҳониддинович, донишҷӯи курси 2-юми равияи «МА ва И» барои ишғоли ҷойи 3 аз фанни “Технологияи информатсионӣ” (мукофоти пулӣ - 1000 сомонӣ).

**Аз 28 то 29 майи соли 2021** дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров олимпиада байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар олимпиада 378 донишҷӯ аз 40 мактаби олии кишвар ширкат варзиданд. Дастаи олимпии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанберо 11 донишҷӯ муаррифӣ кард, ки 6 нафари онҳо соҳиби ҷоизаҳо шуданд, аз ҷумла:

**Ғолибони олимпиада**

| № | Ному насаб | Фан | Курс | Равия | Ҷой |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маҳмудов Ҷовидон | Информатика | 4 | МА ва И | 1 |
| 2 | Ибрагимова Амина | Забони русӣ | 1 | Забоншиносӣ | 1 |
| 3 | Нозимова Файзигул | Забони англисӣ | 3 | Забоншиносӣ | 2 |
| 4 | Исматов Ҳикматулло | Математика | 4 | МА ва И | 3 |
| 5 | Муҳаммадиев Муҳсин | Химия | 1 | ХФММ | 3 |
| 6 | Наҷотов Абуалӣ | Ҷуғрофияи Тоҷикистон | 3 | Геология | Ҷойи ифтихорӣ |

## Фаъолияти китобхона

Фонди умумии китобхонаи Филиал 17 190 нусха адабиёти таълимӣ, методӣ ва илмиро дар бар мегирад.

Манбаи асосии дастрасии маълумот ин китобхонаи электронӣ мебошад, ки фонди умумии он 9 433 нусха адабиёти илмӣ, таълимӣ ва бадеӣ доро мебошад.

Китобхонаи электронӣ бо шабакаи интернет ва шабакаи дохилии Филиал, инчунин бо китобхонаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов пайваст аст, ки хонандагону донишҷӯён ва омӯзгорону кормандон метавонанд озодона аз сарчашмаҳои гуногун китобҳои лозимаро барои худ дастрас намоянд.

Китобхона барои баланд бардоштани таъминоти иттилоотии раванди таълим ва фаъолияти илмӣ-эҷодӣ ҳамкории зичро бо кафедраҳо, шӯъбаҳо, деканатҳо ва устодон ба таври васеъ роҳ монда аст.

Ба китобхона шумораи зиёди нашриёти даврӣ ворид мегарданд, ки аз онҳо кормандон, ҳайати устодон ва донишҷӯёну хонадагон самаранок истифода мебаранд.

Дар китобхона системаи худкори иттилоотӣ-китобдории «Китобхона» фаъолона истифода бурда мешавад, ки ин барнома шароити беҳтари кориро барои пешниҳоди китобҳо ва назорати баҳисобгирии онҳо фароҳам меорад.

Дар толори хониши китобхона намоишгоҳи доимамалкунандаи китобҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад. Инчунин дар толори хониш ҳамасола намоишгоҳи “Рӯзи китоб”, “Рӯзи Модар”, “Наврӯз” ва ғайра гузаронида мешавад.

Инчунин, дар соли таҳсили 2020-2021 дар Китобхона маҳфили доимоамалкунандаи “Клуб читателей” (Маҳфили хонандаҳо) таъсис дода шудааст, ки барои баланд бардоштани завқи мутолиаи китоб мусоидат менамояд.

Раванди ғанӣ гардонии фонди Китобхона дар маркази диққати раёсати Филиал қарор дошта, баҳри баланд бардоштани савияи дониши хонандагон ва ҷалби бештари онҳо ба китобхонаю илмомӯзӣ шароити хубтару беҳтарро муҳайё менамояд.

## Фаъолияти тарбиявӣ

Корҳои тарбиявӣ дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе дар сатҳи донишгоҳ, факултетҳо, кафедраҳо, ҷамъияти донишҷӯён ва дигар зерсохторҳо амалӣ карда мешавад.

Мақсади асосии корҳои тарбиявӣ дар Филиал ин ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ба фаъолияти муташаккилонаи дастаҷамъӣ, ки қобилияти дар амал татбиқ кардани иқтидори эҷодӣ, маънавӣ ва ҷисмониро доранд, маҳсуб меёбад. Раёсати Филиал ва зерсохторҳои мувоззафшуда пайваста талош бар он меварзанд, ки дар ниҳоди хонандагону донишҷӯён бедор намудани ҳисси ватандӯстиву қарзи шаҳрвандӣ; ҳамоҳангсозии муносибатҳои densilliву байни нажодӣ; баланд бардоштани завқи донишҷӯён ба илмомӯзӣ, эҷодиёти маънавӣ ва корҳои

дастаҷамъӣ; ташаккул додани қобилияти фарҳангиву эҷодӣ; баланд бардоштани таъсирнокӣ ҷиҳати риояи қоидаҳои рафтору кирдор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ; пешгирии омилҳои номатлуб, аз қабили терроризму экстремизм ва ғ. саҳми назаррас гузоранд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки бахши тарбия ин дастгирии донишҷӯёни камбизоат, ятим ва маъюб мебошад. Бо ин мақсад ба донишҷӯёни ятим ва камбизоати Филиал дар шакли кӯмаки яквақта, аз пардохти маблағи хобгоҳ озод ва чипта барои хӯроки нисфирӯзии ройгон тақдим шудааст.

**Теъдоди донишҷӯён, ки кӯмаки иҷтимоӣ гирифтанд:**

| Гурӯҳи иҷтимоӣ | Теъдоди донишҷӯ |
|---|---|
| Донишҷӯёни ятим ва бепарастор | 2 |
| Маъюб | 2 |
| Камбизоат | 6 |

Ҳамзамон, дар Филиал Шӯрои донишҷӯён фаъолияти густурда мебарад, ки барои ташаккули қобилиятнокии донишҷӯён ҳамчун шахсият, дорои ҷаҳонбинии васеи илмӣ ва ҳисси баланди маънавию масъулиятшиносӣ саҳми назаррас дорад.

**Чорабиниҳои муҳимм:**

**9 феврали соли 2021** дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе мизи гирд бахшида ба ҷашни “Садда” бо иштироки устодону кормандон ва донишҷӯёни Филиал доир карда шуд.

**16 феврали соли 2021** мусобиқаи футболи хурд миёни дастаи футболбозони Филиал ва дастаи хизматчиёни қисми ҳарбии 02615-Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва гузаронида шуд. Дар мусобиқаи мазкур дастаи футболбозони Филиал бар ҳисоби 9:8 ғолиб гаштанд.

**20 феврали соли 2021** дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе чорабинии расмӣ оид ба ташвиқу тарғиби нуқтаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» баргузор гардид.

**23 феврали соли 2021** ба ифтихори 28-солагии таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе мизи гирд доир карда шуд, ки мақсад аз чорабинӣ ин тарғиби ғояҳои ба Ватан содиқу вафодор ваояндабину дурандеш будан ва ҳар порчаи сарзамини аҷдодиро азизу муътабар доштан дар байни ҷавонон маҳсуб меёфт.

**27 феврали соли 2021** бо ташаббуси ҷамъияти IT TAJOUG дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар Душанбе чорабинии навбатии "**TechDay**" вобаста ба системаҳои

оператсионӣ баргузор гардид, ки дар он мавзӯъҳои зерин баррасӣ шуданд: **"Терминали Linux - Истифода ва имконият"** (Зевар Бордачева, Crowe-ACG). **"SSH - бо истифодаи пайвастшавии бехатар ва пардаи бехатар"** (Комил Раҷабов, TAJOUG IT IT community). **"Контейнеризатсия дар мисоли Докер"** (Темур Паллаев, Лоиҳаи A1). Дар **"TechDay"** намояндагони ширкатҳо ва муассисаҳои гуногуни таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алахусус Вазорати молия, Спитамен Бонк, Tcell, A1 Project, Megafon Tajikistan, Crowe-ACG, Донишгоҳи (Славянии) Тоҷикистон-Россия, донишҷӯёни равияи "Математикаи амалӣ ва информатика" -и Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар Душанбе, илова бар ин, дар байни иштирокчиёни семинар хатмкунандагони литсейи Филиал, "Ҳотам ва ПВ" ва мактаби №21- и шаҳри Душанбе, инчунин донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев низ иштироки фаъолона намуданд.

**4 марти соли 2021** Вобаста ба ташкил намудани ҳамоиши занону духтарон ҷиҳати арҷгузорӣ ба фарҳанги миллӣ ва маҳкуми омилҳои бегонапарастӣ, ташкили вохӯриҳо бо фаъолзанон ҷамъомад бо иштироки доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ – Балхова С.Я., профессори кафедраи таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳои факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – Раҷабова Л.Н. ва омӯзгорону донишҷӯёни Филиал баргузор гардид.

**16 марти соли 2021** вохӯрии намояндагони Маркази муқовимат ба савдои одамони раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо донишҷӯён ва устодони Филиал баргузор гардид. Дар рафти ҷаласа аз ҷониби меҳмонон - Шарифзода Ф., Юсуфзода А., Давлатов М. дар мавзӯҳои: риояи арзишҳои миллию умумибашарӣ ва дар руҳияи ватандӯстӣ, пешгирии шомилшавии ҷавонон сатҳи маърифаташон паст ба гурӯҳҳои террористӣ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии ғайриқонунӣ, гурӯҳҳои террористӣ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии ғайриқонунӣ, гурӯҳҳои ифротгаро гуфта шуд.

**17 марти соли 2021** дар арафаи ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ шоми эҷодӣ бо иштироки шоир – Мухтарам Ҳотам ва нависанда - Равшани Мақсуд бо ҷалби олимону омӯзгорон ва донишҷӯён ташкил ва баргузор гардид.

**18 марти соли 2021** бозии футболи хурд миёни донишҷӯёни Филиал ва сарбозони қисми ҳарбии 6593 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

**19 марти соли 2021** барномаи фарҳангӣ-фароғатӣ омода гардида, барои меҳмонон, устодон, кормандон ва донишҷӯёни Филиал намоиш дода шуд. Дар чорабинии мазкур Сафири Фавқулодда ва Мухтори Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон И.С. Лякин-Фролов, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Хушвахтзода Қ.Х., ректори Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия Хоҷазода Т.А., ҳайати омӯзгорону донишҷӯён ва хонандагони Филиал иштирок доштанд.

**23 марти соли 2021** дар доираи ҷашнгирии чорабиниҳои Наврӯзи байналмилалӣ раёсати Филиал ва шӯрои донишҷӯён иқдоми хайриявии “Некӣ бикун”- ро ташкил намуда, ба тарбиятгирандагони МДТУ “Мактаб-интернати №3”- и шаҳри Душанбе, хонаи кӯдакони №1 барои ятимону бепарасторон ва ба хонаи пиронсолон ва маъюбони шаҳри Душанбе кӯмакҳои моддию молиявӣ расониданд. Ҳамзамон чиҳати баланд бардоштани дониши маънавии донишҷӯён дар гурӯҳҳои академӣ дарсҳои кушод дар мавзӯи ”Анъанаҳои хоси ҷашни байналмилалии Наврӯз”, ташкил карда шуд.

**13 апрели соли 2021** дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе онлайн-форуми ҷавонони АВРУОСИЁ доир гардид, ки устодону донишҷӯёни Филиал иштироки фаъолона доштанд.

**16 апрели соли 2021** вохӯрии Котиби Генералии Созмони ҳамкории Шанхай (2016-2018), доктори илмҳои сиёсӣ, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Алимов Р.Қ. бо донишҷӯёни фаъоли Филиал бо мақсади баррасии ҳолат ва дурнамои рушди муносибатҳои давлатҳо дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай ва масъалаҳои умдаи марбут ба вазъи кунунии минтақа ва ҷаҳон доир гардид. Вохӯрии мазкур бо ташаббуси раёсати Филиал дар доираи эълон намудани Даҳрӯзаи Созмони ҳамкории Шанхай зери унвони “Укрепление дружбы и добрососедства между государствами-членами ШОС в современных условиях новых вызовов и угроз” ташкил ва баргузор карда шуд.

**17 апрели соли 2021** дар Ниммарафони XI байналмилалии Душанбе бахшида ба Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иштироки директори иҷроия, мудири бахши тарбия, сарпарастон ва 55 нафар донишҷӯи Филиал таъмин карда шуд.

**20 апрели соли 2021** вохӯрии намояндагони Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ, баланд бардоштани ҳувияти миллӣ, маърифати сиёсиву ҳуқуқӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва дигар самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон бо донишҷӯёни Филиал гузаронида шуд.

**7 майи соли 2021** бо иштироки меҳмонон, ҳайати омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён аз ҷониби дастаи литсейи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, чорабинии тантанавӣ бахшида ба 9 май - Рӯзи Ғалаба ташкил карда шуд.

**8 майи соли 2021** аз ҷониби устодону кормандон ва донишҷӯёни филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе аксия - табрикоти "Собиқадорон дар канорамон аст" баргузор гардид ва дар доираи он ба аёдати иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, коргарони фронт, ки дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ зиндагӣ мекунанд ба роҳ монда шуд.

**15 майи соли 2021** бо иштироки ҳунарпешаи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Марям Исоева ва омӯзгорону донишҷӯёни Филиал вохӯрӣ баргузор гардид. Чорабинӣ ба муносибати 60-умин солгарди фаъолияти касбии М.Исаева бахшида шуда буд ва вохӯрии мазкур қисме барои филми ҳуҷҷатӣ бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти ситораи кинои тоҷик мегардад.

**16 май соли 2021** бо мақсади таҳкими тарзи ҳаёти солим, рушду инкишофи соҳаи варзиш ва оммавияти он байни аҳолӣ дар ҷумҳурӣ рӯзи Дави миллӣ баргузор гардид, ки устодону кормандон ва донишҷӯёни Филиал иштироки фаъолона намуданд.

**Фаъолияти байналмилалӣ**

**Дар самти равобити байналмилалӣ дар давраи ҳисоботӣ чорабиниҳои зерин гузаронида шуд:**

**6 апрели соли 2021** дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе вохӯрии бо муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Белорус, н.и.т., дотсент Юрий Петрович Голубев доир гардид. Дар вохӯрии номбурда ҳамзамон, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент Мирзамонзода Хайрулло Мирзамон иштирок доштанд.

**14 апрели соли 2021** вохӯрии Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вираҷ Сингх бо донишҷӯёни фаъоли Филиал бо мақсади баррасии ҳолат ва дурнамои рушди муносибатҳои давлатҳо дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай ва масъалаҳои умдаи марбут ба вазъи кунунии минтақа ва ҷаҳон доир гардид. Вохӯрии мазкур бо ташаббуси раёсати Филиал дар доираи эълон намудани Даҳрӯзаи Созмони ҳамкории Шанхай зери унвони "Укрепление дружбы и добрососедства между государствами-членами ШОС в современных условиях новых вызовов и угроз" ташкил ва баргузор карда шуд.

**23 апрели соли 2021** дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе вохӯрии мушовири Сафири Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсутдинов Ш.Ф. бо ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни Филиал доир гардид.

**27 апрели соли 2021** дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе вохӯрии Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Имран Ҳайдер бо ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни Филиал доир гардид.

**5 майи соли 2021** мулоқоти директори иҷроияи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар Душанбе бо ҳамоҳангсози Дафтари миллии Erasmus + дар Тоҷикистон З.М. Нуридинова доир гардид. Дар ҷараёни мулоқот, масъалаҳои марбут ба татбиқи барномаи Erasmus + дар Тоҷикистон, лоиҳаҳо оид ба баланд бардоштани иқтидори таҳсилоти олӣ, фаъолнокии донишҷӯён ва ҳайати омӯзгорон, иштироки донишгоҳҳо, алахусус Филиал дар лоиҳаҳо, имконияти иштирок ва самти лоиҳаҳо муҳокима карда шуданд.

**5 майи соли 2021** мулоқоти директори иҷроияи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе бо муовини намояндаи савдои Намояндагии савдои Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Е.Ю. Корнаухов доир гардид. Зимни мулоқот меҳмон дар бораи фаъолияти Намояндагии Савдо дар Душанбе, ки ба рушди муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистону Россия, тарғиби лоиҳаҳо ва

ҷалби сармоягузорӣ ва технологияҳои пешрафта ба Федератсияи Россия нигаронида шудааст, суханронӣ кард.

**7 майи соли 2021** вохӯрии сардори раёсати давлатҳои ИДМ, ҳамоҳангсози миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои СҲШ-и Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон н.и.сиёс. Саидмуродзода Ахмад Лютфилло бо донишҷӯёни фаъоли Филиал доир ба **“Рёсатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони ҳамкории Шанхай дар солҳои 2020-2021 ва омодагиҳо ба солгарди саммити Ташкилот”** баргузор гардид. Дар чорабинии зикршуда ҳамзамон, аз ҷониби Котиби Генералии Созмони ҳамкории Шанхай, н.и.ҳуқ. Владимир Имамович Норов дар режими онлайнӣ мурочиатнома хонда шуд.

**14 майи соли 2021** мулоқоти муовини ректор, сардори раёсати байналмилалии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, доктори илмҳои биологӣ, профессор Мазей Ю.А. бо вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, академик М.С. Имомзода баргузор гардид. Дар вохӯрии зикршуда, ҳамзамон муовини проректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, н. и. ҳуқуқ. Нидоев Д.Н., директори филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, н.и.сот., дотсент Трофимов С.В. ва директори иҷроияи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, н.и.и., дотсент Ғаниев Р.Ғ. иштирок намуданд. Дар доираи вохӯрӣ масъалаҳои ҳамкории тарафайн, ки ба рушди мутақобилан судманд замина мегузорад, инчунин ҳамкории Филиал бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва пажуҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотии Россия баррасӣ гардид.

**19 майи соли 2021** дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе мулоқоти Трофимов С.В. - Директор ва Ғаниев Р.Ғ. - Директори иҷроияи Филиал бо Комилова З.А. - мутахассиси Фонди кудакони Созмони Миллали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

**24 майи соли 2021** дар шаҳри Москва мулоқоти ректори Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, академик В.А. Садовничий бо роҳбарияти филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар Душанбе доир гардид. Дар ҷаласа муовини ректор, сардори раёсати байналмилалии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, д. и.биол., профессор Мазей Ю.А. ва муовини проректор Д.Н. Нидоев иштирок намуданд.

### Фаъолияти маркази тестии маҳаллӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷӣ ҷиҳати муаян намудани сатҳи донистани забони русӣ, таърихи Россия ва асосҳои қонунгузории Федератсияи Россия

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби Маркази маҳаллӣ 16 сессияи тестӣ ташкил ва гузаронида шуд, ки аз онҳо 67 нафар аз имтиҳон гузаштанд.

Дар Марказ имтиҳон/тест тибқи низомномаи тасдиқшудаи Маркази асосии тестии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов

гузаронида мешаванд. Ҳамзамон, барои онҳое, ки забони русиро хуб намедонанд курсҳои иловагӣ ташкил карда шудаанд.

## Фаъолияти литсей

Дар назди Филиал литсей аз рӯйи равияи илмҳои табиӣ бо муваффақият амал мекунад. Раванди таълим дар литсей тибқи марҳилаҳои II-III сурат мегирад ва он барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти миёнаи умумиро (пурраро) амалӣ менамояд, ки тибқи иҷозатномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёрии иловагии хонандагонро аз фанҳои табиӣ ва математикӣ пешбинӣ кардааст.

Ба ҳолати 01.07.2021 теъдоди хонандагони дар литсей (синфҳои 7,8,9,10 ва 11) 249 нафарро ташкил медиҳад, ки 98 нафарашонро духтарон дар бар мегирдад. Сатҳи донишазхудкунии онҳо ба 100 % расида, фоизи сифат ба 52,6 ва холи миёна 3,6 мерасад.

Дар литсей:

12 нафар- аълохон, ки аз онҳо 9 нафарашон духтарон,

119 нафар бо баҳои “4-5”, ки аз онҳо 52 нафар духтарон

ва 118 нафар бо баҳои “3”, ки аз онҳо 37 нафар духтаронанд.

## Курсҳои омодагӣ

Дар Филиал курсҳои омодагӣ фаъолият менамояд, ки ҳадафи асосии онҳо:

- баланд бардоштани сатҳи тайёрии довталабон барои қабул ба филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар Душанбе ва дигар мактабҳои олии ҷумҳурӣ мебошад;
- шиносоӣ бо барномаҳои имтиҳонҳои дохилшавӣ ва шароити қабул мебошад.

Дар курсҳои омодагӣ дарсҳо аз фанҳои математика, физика, химия, забони англисӣ, забони русӣ ва таърихи Россия гузаронида мешаванд. Дар давраи ҳисоботӣ дар курсҳои омодагӣ 42 нафар шаҳрванд таҳсил кардаанд.

**ДЛЯ ЗАМЕТОК**